# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.KOA-002 назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ вобаста ба қабули диссертатсияи Ёрматов Алишер Ҷолматович ба ҳимоя дар мавзуи «Таҳқиқи технологияи педагогии ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти асосӣ бо оила дар тарбияи худшиносӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод шудааст

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати 3 нафар тасдиқ шуд: Холназаров Санг – доктори илмҳои педагогӣ, профессор аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва мтаҳсилот (педагогика) раиси комиссия; Самариддинова Зайнаб Наимовна – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (педагогика) узви комиссия; Раҳимова Савронбӣ – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва маориф (педагогика) узви комиссия.

Аз ин нуқтаи назар, мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Ёрматов Алишер Ҷолматович мубрам ва муҳим арзёбӣ шуда, аз аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доштани он шаҳодат медиҳад.

Диссертатсия мутобиқ ба талаботи низомнома дар бораи Шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 ба тасвиб расидааст, иҷро шудааст. Кори диссертатсионӣ дар маҷлиси муштараки кафедраи таҳсилоти ибтидоии факултети омӯзгорӣ ва фарҳанг ва кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (Суратҷаласа №5 аз 27.04. 2021) муҳокима гардидааст.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33 тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Натиҷаи асосии диссертатсия дар 20–номгӯи интишороти ба табъ расонидаи муаллиф инъикос ёфтааст, ки аз ин шумора 2 – тояшро дастури методӣ ва таълимӣ, 9–тояшро мақолаҳои дар нашрияҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расида ва 9–тои онро нашрияҳо ва маводи конференсияҳои назариявӣ ва илмӣ–таҳқиқотӣ ташкил медиҳанд.

**Мақсади таҳқиқот** аз муайян кардани ҷойгоҳи тарбияи худшиносӣ дар таърихи гузаштаву муосири афкори педагогии халқи тоҷику форс иборат аст ва ба тайёр намудани наслҳои наврас дар рӯҳияи хештаншиносӣ бо назардошт ва корбандӣ намудани ҷиҳатҳои тарбиявӣ-педагогӣ таъсир мерасонад. Марбут ба мақсади таҳқиқот аз тарафи мо чунин фарзияи корӣ пешниҳод карда мешавад:

Тарбияи худшиносиро дар амалияи корҳои таълиму тарбияи насли наврас истифода намудан мумкин аст, дар сурате ки он чун қисми ҷудонашавандаи тарбияи волои мардуми тоҷик марбут ба шароитҳои объективию таърихии замони гузаштаву муосир ба инобат гирифта шавад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот:** дар амалияи корҳои таълимӣ–тарбиявии ҳама намудҳои мактабҳо, курсҳои баланд бардоштани ихтисоси муаллимони ҷумҳурӣ роҳандозӣ карда шудаанд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот:** Натиҷаи бадастовардаи мо он аст, ки рисолаи мазкур нахустин таҳқиқоти алоҳида оид ба тарбияи хештаншиносии мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ мебошад. Муаллиф дар он бори аввал дар таърихи педагогикаи халқи тоҷик ақидаҳои педагогии беҳтарин намояндагони классикии тоҷику форс ва муосирро таҳлил намуда, ба ҷиҳати тарбиявии ақидаҳои онҳо диққати махсус дода, мақолаю дастурҳои методии таҳияшуда барои тарбияи хештаншиносии мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ, инчунин, баланд бардоштани сифату самаранокии он мусоидат мекунад.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои таҳияи ҷанбаҳои педагогии омодасозии мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ тавассути тарбияи хештаншиносӣ истифода шаванд.

Маводи таҳқиқот барои мутахассисони соҳаи педагогика, равоншиносон, муаллимони оянда, устодони донишгоҳҳои омӯзгорӣ ва донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф, коллеҷҳои омӯзгорӣ, инчунин, барои омӯзгорон-таҷрибаомӯзони мактабҳои Тоҷикистон ҳамчун дастурамал тавсия мегардад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ** кори диссертатсионӣ бо мазмуни бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.01-педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва маориф (илмҳои педагогӣ) мувофиқ мебошад.

*Банди 1*– «Методологияи таҳқиқоти педагогӣ» (равишҳои таҳқиқотӣ дар рушди илми педагогика, ҳамбастагӣ ва ҳудудҳои татбиқпазирии онҳо; усулҳои таҳқиқоти педагогӣ);

*Банди 6* – «Консепсияи таҳсилот» (сифати таҳсилот ва технологияҳои арзёбии он; равандҳои инноватсионӣ дар таҳсилот);

*Банди 7* – «Педагогикаи амалӣ» (ҷамъбасткунии таҷрибаи педагогии пешқадам; ҳаракати инноватсионӣ дар таҳсилот; фаъолияти озмоишию таҷрибавии муассисаҳои таълимӣ).

Диссертатсия ба талаботи банди 53 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шудааст, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷаҳо ва муқаррароти нави илмӣ барои ҳимояи ошкор мебошад, ки аз саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар илми педагогика шаҳодат медиҳад.

Талаботи низомнома дар бораи Шурои диссертатсиониро ба роҳбарӣ гирифта, комиссияи экспертии диссертатсияи Ёрматов Алишер Ҷолматович тавсия мекунад, ки:

а) диссертатсияи Ёрматов Алишер Ҷолматович дар мавзуи «Таҳқиқи технологияи педагогикаи ҳамкории мактабу хонавода дар тарбияи худшиносии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ» барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионӣ иҷозат дода шавад;

б) ба сифати муассисаи пешбар: **Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;**

в) ба сифати муқарризони расмӣ: **Абдураҳимзода Қудратулло Саид** – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва Ғафурова Дилором Ҷабборовна – номзади илмҳои педагогӣ, и.в., дотсенти кафедраи педагогика ва таҳсилоти ибтидоии Донишгоҳи давлатии Данғара таъйин карда шаванд.

Барои муайян кардани вақти ҳимоя, нашр ва ҷойгир кардани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, нашр ва паҳнкунии автореферат иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ,
доктори илмҳои педагогӣ,
профессор — Холназаров С.

Аъзои комиссияи экпертӣ:
номзади илмҳои педагогӣ,
дотсент — Самариддинова З.Н.

номзади илмҳои педагогӣ,
дотсент — Раҳимова С.

Имзои С. Холназаров, З. Н.Самариддинова ва С. Раҳимоваро тасдиқ менамоям.

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ — Амиров Ф.А.

07.07.2022